ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзадии Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.

Маълум аст, ки Рустам Ваҳҳобзода яке аз чеҳраҳои намоёни адабиёти тоҷик дар охири садаи XX ва замони соҳибистиқлолии кишвар буда, бо фаъолияти гуногунҷабҳои худ, аз он ҷумла фаъолияти шоирӣ дар доираҳои адабии дохил ва хориҷи кишвар соҳиби эътибори баланд ва эътирофи ҳақиқӣ дар нақду сухансанҷӣ гардидааст. Бо вуҷуди ин, оид ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода дар адабитётшиносӣ ва нақди адабии тоҷик то кунун пажуҳиши монографӣ сурат нагирифтааст. Манзури аҳли илму адаб гардидани диссертатсияи номзадии Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)» дар ин самт саривақтӣ буда, он барои беҳтару бештар шиносонидану маърифат кардани фаъолияти эҷодии адиб ва нишон додани саҳми шоир дар рушду такомули лирикаи иҷтимоӣ хидмат мекунад.

Диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна ба таҳқиқи ҳаёту фаъолият, ваҷҳаи шоирӣ, андешаҳои адабию эстетикӣ, масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода бахшида шуда, аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир меёбад, ки ҳаёту эҷодиёти Шоири халқии Тоҷикистон Рустам Ваҳҳобзода бори аввал дар шакли диссертатсия таҳқиқ шудааст.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки Миралиева С.Т. лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзодаро мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ қарор дода, идомабахшандаи гузаштагон будани шоир ва ҳамзамон, андешаю диди наву тозаи шоирро ошкор намудааст.

Муаллиф мавзуъро ба се боб ва фаслҳо ҷудо карда, масоили дахлдори ҳар бобро бо низоми муайян ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар боби аввал, ки «Ҳаёт ва эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода» унвон дорад, муҳаққиқ зиндагинома, фаъолияти адабӣ ва ваҷҳаи шоирии Рустам Ваҳҳобзодаро бо дастрасӣ ба маводи фаровони назарӣ ва амалӣ муайян карда, нақши шоирро дар эҷоди манзумаҳо, шеъри нав ва суннатӣ назаррас арзёбӣ намудааст.

Дар боби дуюм, ки «Мавқеи Рустам Ваҳҳобзода дар лирикаи иҷтимоии муосир» номгузорӣ шудааст, таваҷҷуҳи муҳаққиқ ба масъалаҳои меҳварии таҳқиқ, аз ҷумла андешаҳои адабию эстетикии шоир ва баррасии масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоии ӯ равона шудааст.

Дар боби сеюм низ масоили мубрами марбут ба мавзуи таҳқиқӣ бо нишон додани вижагиҳои ғоявии лирикаи иҷтимоии шоир ва дараҷаю мавқеи истифодаи санъатҳои бадеӣ дар он барррасӣ гардида, ки дар умум «Хусусиятҳои ғоявию бадеии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода» номгузорӣ шудааст.

Миралиева Сарварбӣ дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ ба мусоҳибаву гузориш, тақризу мақола, осори танқидӣ ва илмию назарии донишмандоне чун Х. Мирзозода, М. Шакурӣ, С. Табаров, Р. Мусулмониён, Х. Шарифзода, А. Сатторзода, А. Абдуманнон, А. Абдусаттор, Р. Ваҳҳобзода, М. Нарзиқул, Е.Э. Бертелс, В.Г. Белинский, В.Г. Холшевников, Н. Поспелов, М.Б. Храпченко, С. Шамисо, П.Н. Хонларӣ ва дигарон ба сифати маводи назарӣ такя намудааст.

Миралиева Сарварбӣ ҳамаи ҳадаф ва мақсадҳое, ки дар таҳқиқоти мавриди назар дар пеши худ гузоштааст, хеле хуб ҳал карда, ба натиҷа ва хулосаҳои аҷибу тоза даст ёфтааст. Хулоса ва натиҷагириҳои унвонҷӯ дар бандҳои мушаххас ҷамъбаст гардидаанд, ки вобаста ба бобу фаслҳои муайяни диссертатсия аз 15 банд иборат мебошанд.

Автореферати диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ бо забони хуби илмӣ таълиф гардида, андешаронӣ, сабки баён, таҳлилҳо ва хулосаю

тавсияҳо мушаххасу боэътимоданд. Мақолаҳои чопнамудаи унвонҷӯ аз ҷиҳати теъдод ва муҳтаво ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ буда, муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Мутолиа ва баррасии автореферати диссертатсияи Миралиева С.Т. нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфтаи илмӣ аст, бартариҳои зиёд дорад ва қадами ҷиддӣ дар таҳқиқи ашъори Рустам Ваҳҳобзода ба ҳисоб меравад. Сохтор ва муҳтавои автореферати мазкур ба талаботи таълифи автореферати диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, он ба пуррагӣ мундариҷаи пажӯҳиши илмиро фаро гирифтааст.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ манзур шудааст, навгониҳо, бартариҳо ва дастовардҳои хуби илмиро доро мебошад. Дар баробари муваффақияҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, ки зикри чанде аз онҳоро ин ҷо зарур донистем:

1. Дар матни автореферат дар ду шакл навиштани ному насаби шоир – Рустами Ваҳҳоб (саҳ. 14, 15) ва Рустам Ваҳҳобзода (дар дигар мавридҳо) ба назар расид.

2. Дар муқаддима, қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуъ тӯл кашидааст, агар муҳаққиқ онро ихтисор карда, саҳифаҳои аз ин ҳисоб ҳосилшударо ба бобҳои дуюм ва сеюми диссертатсия мебахшид, хубтар мешуд.

3. Ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 3, 14) ва техникӣ (саҳ. 9, 22) дар баъзе саҳифаҳои автореферат намудор гашт, ки ислоҳи онҳо мувофиқи матлаб хоҳад буд.

Он камбудӣ ва ғалатҳое, ки ин ҷо оварда шуд, ба мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанл ва онҳо ислоҳшавандаанд. Автореферати диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи

шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст, кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мувофиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

Номзади илми филология,
дотсенти кафедраи фанҳои
гуманитарии Донишгоҳи
Технологии Тоҷикистон **Одинаев Н.С.**

1-уми сентябри соли 2022.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 63/3.
Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992-37) 2-50-15-35.
E-mail: odinaievn@mail.ru
Сомонаи муассиса: www.tut.tj

Имзои Н.С. Одинаевро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Бухориев Н.А.

1-уми сентябри соли 2022.

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА
ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ